**Амонулло Бобоӣ**

# ТАҶВИДИ ҚУРЪОН

**Номи китоб:** Таҷвиди Қуръон
**Нависанда:** Амонулло Бобоӣ
**Тираж:** 2000 адад
**Навбати чоп:** Аввал
**Нарх:** Шартномавӣ
**Ношир:** Нашриёти Ҷаводул-аимма
**Website:** http://kemyaesaadat.com/

** Ҳаққи чоп барои ношир маҳфуз аст*

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

Ба номи Худованди Бахшоянда ва Меҳрубон

# Муқаддима

Ҳамду сипос Худойро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст ва дуруду салому салавоти Худо бар охирин фиристодааш хотами паёмбарон, ҳазрати Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ва бар хонадони поку мутаҳҳар ва асҳоби гиромиашон бод.

Қуръони карим ваҳйи илоҳист, ки Худованди мутаол бар қалби паёмбараш ҳазрати Муҳаммад ибни Абдуллоҳ нозил кард.

Қуръони карим қонуни асосии зиндагии инсонҳо аст, ки барои ҳидояти башар фиристода шуд.

Ин китоби ваҳёнӣ онҷунон бо азамат аст, ки дар бораи омӯзаҳои он то кунун китобҳои гуногуни дарсӣ, таълимӣ, маърифатӣ ва ғайра таълиф ва тадвин гаштааст. Аз ҷумлаи он, илми «таҷвид» аст, ки дар сатҳи ибтидоӣ ҷиҳати дуруст хондани Қуръон таълиф ва тадвин шудааст.

Ин китоби роҳнамо ва муқаддасро бояд ҳар як мусулмон ёд гирад, бихонад ва ба дастуроти он амал намояд ва инчунин ба дигарон омӯзонад. Паёмбари Ислом (с) дар ин бора мефармоянд:

خَيْرُكُمْ مَنْ تَعَلَّمَ الْقُرْآنَ وَ عَلَّمَهُ

*Беҳтарини шумо касест, ки Қуръонро омӯзад ва ба дигарон омӯзонад.*

Қуръон китобест, ки ҳар мусулмон бояд ба қадри тавону мақомаш бо он ба таври шоиста

огоҳ ва ошно бошад, огоҳ ба хондан ва тиловати он, ба маъно ва дастуроти он, махсусан донишомӯзон ва толибони илм.

Қуръон, ки бо забони арабии фасеҳ нозил шудааст, марҳалаи аввали омӯзиши он барои касоне, ки араб нестанд, шинохти алифбои араб, шинохти сифоти ҳуруф ва махраҷи он, ошноӣ бо қонун ва қоидаҳои тиловат мебошад. Дар натиҷа бо забон ва лаҳҷаи ҷаззоби Қуръон ошно гашта,метавон каломи Парвардигорро бо некӯтарин шакл хонд. Муаллими аввали Қуръон ҳазрати Муҳаммад (с) дар ин бора мефармоянд:

اِقْـرَءُوا الْقُـرْآنَ بِلُـحُونِ الْعَرَبِ وَ اَصْوَاتِها ...

*Қуръонро бо лаҳҷа ва савти араб бихонед.*

Аз ин ҷиҳат илми таҷвид аст, ки ба мо чунин маълумотро дар бораи тиловат ва қироати Қуръон таълим медиҳад.

## Таърифи таҷвид

Калимаи «таҷвид» аз назари луғат ҳамчун калимаи «таҳсин» ба маънои «ҳусн бахшидан, некӯ гардонидан» аст. Аз назари истилоҳ иборат аст аз:

*«Таҷвид» илмест, ки саҳеҳ ва дуруст талаффуз кардани ҳарфҳо аз махраҷ, шинохти сифоти ҳуруф, шинохти аҳкоми он, шинохти ҷойҳои*

***вақф ва умуман илми неку̅ хондани Қуръонро ба мо меому̅зад.***

Дар ин рисола ку̅шиш шудааст барои ҳамаи қуръоному̅зон, махсусан касоне, ки дар сатҳи ибтидои̅ ва сатҳи миёнаи таълими қироати Қуръон ҳастанд, маълумот дода шавад. Иншоаллоҳ талош дорем ба ёрии Худованд рисолае мустақил дар боби «таҷвид ва қироат» дар сатҳи пешрафта ба дасти муштоқон бирасонем.

Ба назари инҷониб, бисёре аз бародарону хоҳарон ва фарзандони азизи миллати мо, ба таълиму тааллуми Қуръон (ин китоби муқаддаси мусулмонон), чандон аҳамият надодаанд ва шахсоне, ки Қуръонро ба таври шоиста, бо риояти қоидаҳои қироат ва таҷвиди Қуръон фаро гирифтаанд, бисёр андаканд. Мутаассифона ҳатто дида мешавад, ки бисёре бо вуҷуди ҳофиз ва қории Қуръон будан, аз илми таҷвид ва қоидаҳои қироат огоҳи̅ кофи̅ надоранд, ё бисёр дар ҳадди ибтидои̅ огоҳи̅ доранд.

Бинобарин, инҷониб хоҳиш дорам аз тамоми ҳофизон, қориён, муаллимону мураббиёни Қуръон, ки ҳамзамон бо таълими қироати Қуръон, ҳатман таҷвидро ба шогирдон таълим намоянд.

Хонандагони гироми̅ ва ҳофизони азиз! Ҳамон тавр, ки медонед, танҳо хондан ва қироат намудани Қуръон мақсади охирини мо набуда, балки ин марҳалаи аввал ва муқаддима аст барои

фаро гирифтани маъно, тарҷума, тафсир ва маърифатҳои Қуръонӣ.

Ривоятҳои исломӣ қироати Қуръонро ибодати бузург дониста, аҷру савоби фаровонро барои қорӣ мужда медиҳанд. Маънои ин ривоятҳоро ба таври хулоса метавон дар ду даста баён кард:

1. Нигоҳ кардан ба хатти Қуръон ибодат аст ва оромиши қалб эҷод мекунад, омӯзиш ва омӯзондани ҳарфи Қуръон ибодат ва аҷру савоб дорад, тиловат аз рӯи хатти Қуръон ибодат ва аҷру подош дорад ва нури чашми хонандаро зиёд мекунад аз ҳифз, хондани Қуръон савоб дорад.

2. Ин даста аз ривоятҳо ҳамаи ин марҳалаҳоро бо вуҷуди ибодат донистан ва аҷру подош таъйин намудан, мақсади охирин надониста, ба фаро гирифтани маъно ва маърифатҳои Қуръон (тарҷума ва тафсири он), таъкид менамоянд, ки бояд ҳар мусулмон барномаи зиндагии худро бо қонун ва дастуроти Қуръон пеш барад.

Инак умед дорам Худованди Раҳмон ин хидмати андаку ночизро мақбул гардонад ва ҳамчунин мавриди истифодаи тамоми хонандагони гиромӣ қарор гирад.

*Амонулло Бобоӣ*

*5-01-2009*

# Дарси 1

## Оғози тиловат

Бар асоси таълими Қуръон, қориёни Қуръон бояд тиловати оятҳои Каломуллоҳи маҷидро бо «истиоза» оғоз намоянд.

### Истиоза

«Истиоза» дар луғат ба маънои «паноҳ бурдан» ва дар қироати Қуръон иборат аст аз гуфтани ҷумлаи:

«اَعُوذُ بِاللهِ مِنَ الشَّيْطانِ الرَّجِيمِ»

*Паноҳ мебарам ба Худованд аз шарру бадии Шайтони рондашуда.*

Албатта асли «истиоза» бояд дар қалб ва нияти қории Қуръон бошад ва ҳамзамон бар забон ҷорӣ шавад.

### Басмала

Калимаи «басмала» ба маънои «номи Худоро бар забон овардан» аст ва дар қироати Қуръон иборат аст аз гуфтани ҷумлаи:

«بِسمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيم»

*Ба номи Худои бахшанда ва меҳрубон.*

Лозим аст, қории Қуръон пас аз истиоза ва пеш аз тиловати оятҳо, басмаларо бихонад. «Басмала» дар аввали тамоми сураҳои Қуръон – ба ғайр аз сураи Тавба – омадааст ва хондани он лозим мебошад.

Танҳо сураи Тавба бар хилофи сураҳои дигар бе басмала нозил шудааст ва гуфтани он дар аввали ин сура манъ аст!

## Пурсишҳо:

1. Бар асоси таълими Қуръон, тиловати оятҳо бо чӣ оғоз мешавад?

2. «Истиоза» дар луғат ва дар истилоҳи таҷвид чист?

3. «Басмала»-ро баён карда, тарҷумаи онро бинависед.

# Дарси 2

## Дар баёни ҳуруф

Адади ҳарфҳо дар забони арабро баъзе 28 то ва баъзе дигар 29 то медонанд. Зеро баъзе аз донишмандон алифи мад (ا)-ро як ҳарфи ҷудогона, ғайр аз ҳарфи ҳамза (ء) медонанд ва баъзе чунин эътиқод доранд, ки «алифи мад» танҳо як садои кашида аст ва ҳарфи аслӣ ҳисоб намешавад.

Дар ҳоли ҳозир дар фарҳангҳои луғати араб дида мешавад, ки адади ҳуруфро 28 то зикр кардаанд ва онҳо иборатанд аз:

ا ب ت ث ج ح خ د ذ ر ز س ش ص

ض ط ظ ع غ ف ق ک ل م ن و ه ی

Он гоҳ аввалин ҳарф, яъне «алиф» « ا »-ро ду қисм донистаанд:

1. Алифи мад.
2. Алифи ғайри мад (ҳамза).

| | | | |
|---|---|---|---|
| *Мисоли алифи мад:* | | | |
| يَرى | هـذا | صَالِحِينَ | قَالَ |
| *Мисоли ҳамза:* | | | |
| يُبْدِئُ | مُؤْمِنٌ | يَأْتِى | اَحَدُ |

# Талаффузи ۹ ҳарфи хос

Қуръономӯзи азиз! Ҳуруфи араб 28 то буда, ۹ ҳарфи он талаффузи махсус дорад, ки бояд бо такрор талаффузи дурусти онро омӯзем. Аммо талаффузи ҳарфҳои боқимонда мисли талаффузи форси-тоҷикӣ аст. Ҳарфҳои нӯҳгона иборатанд аз:

ث ح ذ ص ض ط ظ ع و

## Ҳарфи (ث) ва (ذ)



Ҳарфҳои арабии (ث) ва (ذ) овозҳои байнидандонӣ ба ҳисоб меравнд. Тарзи талаффузи ин ҳарфҳо пурра ба ҳамдигар монанд буда, танҳо фарқашон ин аст, ки ҳарфи (ث) бо овози паст, вале ҳарфи (ذ) бо овози баланд хонда мешавад.

Барои талаффузи (ث) ва (ذ) нӯги забонро байни дандонҳо ҷойгир намуда, бояд кӯшиш кард, ки онҳо бо дандонҳои боло наздик шаванд ва байни нӯги забон ва дандонҳои поён дар ҳолати нимроғ қарор гиранд. Дар ин ҳолат ҳарфҳои (ث) ва (ذ) бояд фаъолона талаффуз карда шаванд. Мисол:

**ثَوابَ – ثَقُلَتْ – ثَلاثُ – مَثابَة – ثُمَّ – كَثِيراً – يُثْبِتُ –**

**ثُبُوراً – جاثِيَةً – ذَهَبَ – تَذَرُ – ذلِكَ – هـذا – ذُوقُوا –**

**ذِراعاً – اُذْكُرُوا – اَذِلَّة – نُذُر**

## Ҳарфи (ح) ва (ع)

Ҳарфҳои (ح) ва (ع) аз ҳарфҳои ҳалқӣ буда, дар талаффузи ҳарфи (ح) нармии ком ба боло бардошта шуда, роҳи нафас ба димоғ баста мешавад, гӯё ки дар ҳалқ пӯсти чизе дармонда бошад, бо каме сахтӣ ҳаво берун меояд. Аммо дар талаффузи ҳарфи (ع) нармии ком боло рафта, нафас аз ковокии даҳон мебарояд. Дучанд шудани садои (ع) аз ҳисоби дарозии вақф, ки мушакҳои ҳалқ ҷафс мешаванд, ҳосил мегардад. Мисол:

الْحَمْدُ – حَمِيدُ – مَحَبَّةً – حاجِزاً – اَلْمِحالِ – حُسْناً –

يَحُولُ – رَحِـمَ – نُوحِى – عَلِمَ – مَعَكُمْ – ماعُونَ –

نَعِيمُ – بَعُوضَةً – مَعِيشَةً – يَعْرِفُونَ – اَلْعِزَّةَ – عِمادِ

## Ҳарфи (ص)



Садои ҳарфи (ص) монанди ҳарфи (س) буда, аммо дар талаффузи (ص) нӯги забон аз дарун каме ба дандонҳои поён мерасад, қисми миёни пушти забон ба сахтии ком бардошта шуда, сӯрохиеро барои баромадани нафас эҷод мекунад ва ин сӯрохӣ нисбат ба сӯрохии ҳамсадои (س) каме васеътар мебошад. Мисол:

صَدَقَ – قَصَصَ – لَصا دِقُ – صالِحِينَ – صُرِفَتْ –

صُحُفِ – نَصُوحاً – اَصْدَقَ

## Ҳарфи (ض)

Ҳарфи (ض) ҳамсадои пасидандонии баландсадо

аст. Дар талаффузи (ض) нӯги атрофи забон ба дандонҳои осиёи боло расонда, дурушт хонда мешавад. Мисол:

ضَرَبَ - ضَعْفٍ – وَضَعَها – ضالِّينَ – مَغْضُوبِ –

نَضِجَتْ – يَضْرِبُ - مَرِيضْ

## Ҳарфи (ط)



Талаффузи (ط) мисли (ت) мебошад, аммо дар талаффузи (ط) қисми пеши забон ба қисми пеши ком маҳкам часпида, боз зуд канда мешавад ва қисми ақиби забон пурра ба нармии ком кашида мешавад. Нафас аз ковокии даҳон мебарояд. Мисол:

طَيِّبَةً – طَبَقاً – فَطَرَ – قِنْطارٍ – طُمِسَتْ – مُحِيطُ –

يَطُوفُ – اَطْرافَ – طِفْلاً

## Ҳарфи (ظ)



Дар талаффузи (ظ) қисми пеши забон ба қисми пеши ком ва

дандонҳои боло маҳкам часпида, дурушт хонда мешавад. Мисол:

ظَلَمَ – ظَهَرَ – اَعْظَمَ – ظَالِمِينَ – اَظُنُّ – ظُلُماتٍ –

ظِهْرِيّاً – يَظْلِمُونَ – غَلِيظ

## Ҳарфи (و)



Ҳарфи (و) аз байни ду лаб мулоим талаффуз мешавад, дар вақти талаффузи (و) лабҳо бояд пеш рафта, ба шакли доирачаи хурд қарор гирад. Мисол:

وَرَدَ – وَقُودِ – لَوَّوا – نَواصِي –

وُجُوهٌ –مَوْرُودُ

## Пурсишҳо:

1. Алифбои араб чанд ҳарф дорад? Ва алиф чанд қисм аст? Бо мисол баён кунед.

2. Оё талаффузи ҳарфҳои араб бо талаффузи ҳарфҳои форсӣ-тоҷикӣ яксон аст?

3. Талаффузи чанд ҳарф хос аст? Аз байни онҳо ҳарфҳои ҳалқиро бо махраҷашон баён кунед.

4. Махраҷи ҳарфҳо зерро баён кунед:

ث ص ض ط و

# Дарси 3.

## Дар баёни ҳарфҳои шамсӣ ва қамарӣ

Ҳарфҳои забони арабӣ ба ду қисм тақсим мешаванд:

1. Ҳарфҳои шамсӣ:

ت، ث، د، ر، ز، س، ش، ص، ض، ط، ظ، ل، ن

**Қоида:** Агар баъд аз «ال» ҳарфе аз ҳуруфи шамсӣ ояд, идғоми шамсӣ мешавад:

اَلْتائِبُونُ ← التَّائِبُونَ – الثَّقَلان – الدَّوَاب –

الذَّاكِرِينَ – الرَّحْمٰن – الزَّيْتُون – السَّماء –

الشَّمْس – الصَّادِقُون – الضَّالِّينَ – الطَّارِق –

الظَّالِمِينَ – اللَّيْل – النَّهَار

2. Ҳарфҳои қамарӣ:

ء، ب، ج، ح، خ، ع، غ، ف، ق، ک، م، و، ه، ی

**Қоида:** Агара баъд аз «ال» ҳарфе аз ҳуруфи қамарӣ ояд, изҳори қамарӣ мешавад:

اَلْ أَرْضَ ← الْأَرْضَ – الْبَلَدُ – الْجَنَّةُ – الْحَجُّ

– الْخَالِقُ – الْعَلِيمُ – الْغَنِىُّ – الْفَجْرِ –

الْقَمَرِ – الْكِتَابَ – الْمَلِكِ – الْوَدُودِ –

الْهُدْهُد – الْيَوْمَ

## Пурсишҳо:

1. Ҳарфҳои шамсиро навишта, қоидаи онро баён кунед.
2. Барои ҳуруфи шамсӣ 5 мисол (ғайр аз мисолҳои китоб) бинависед.
3. Ҳарфҳои қамариро бинависед ва қоидаи онро баён кунед.
4. Барои ҳуруфи қамарӣ 7 мисол (ғайр аз мисолҳои китоб) бинависед.

# Дарси 4.

## Дар баёни сифатҳои ҳуруф

Сифати ҳарф дар илми таҷвид иборат аст аз:

“Ҳолатҳои гуногуни ҳарфҳо дар ҳангоми талаффуз”.

Ҳолатҳои ҳарф яъне, тафхим ва тарқиқ (ғафсу борик хондан)-и ҳарфҳо, бо шиддат ва бешиддат талаффуз кардани ҳарфҳо, ҳолатҳои даҳон ва забон дар ҳангоми талаффузи ҳарфҳо мебошад, ки дар илми таҷвид дар ин бора омӯзиш дода мешавад.

Сифатҳои ҳуруф 17 қисм ҳастанд ва дар ин китоб ба муҳимтарин сифатҳо ишора мешавад.

### 1. Сифати истеъло

«Истеъло» дар луғат ба маънои «талаби баландӣ намудан» ва майл ба баландӣ аст.

Дар истилоҳи илми таҷвид, забонро ба тарафи ком бардошта, ғафс талаффуз кардани ҳарфро истеъло мегӯянд.

Ҳарфҳои истеъло 7 тоанд:

(خُصَّ ظَغْطٍ قُضْ) ق غ ظ ط ض ص خ

**Қоида:** Дар талаффузи ин 7 ҳарф, забон ба тарафи ком бардошта, ҳаҷми даҳонро зиёд карда, ҳарф ғафс хонда мешавад.

**Нукта:** Чаҳор ҳарфи аввал (ص ض ط ظ) аз се ҳарфи боқимонда ғафстар талаффуз мешаванд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| صَادِقِينَ | قَصَصَ | صَدَقَ | ص |
| ضَاقَ | ضَعُفَ | ضَرَبَ | ض |
| لَطِيفٌ | قِنْطَارٍ | طَبَقًا | ط |
| ظِلاًّ ظَلِيلاً | ظَاهِرِينَ | ظَهْرَكَ | ظ |
| اَخْبَارَهَا | خَالِدُونَ | خَبَالاً | خ |
| يَغْفِرُ | غَافِرِينَ | غَرَبَتْ | غ |
| يَقْبَلُ | قَتَلُوا | قَالَ قَائِلٌ | ق |

## 2. Сифати истифол

«Истифол» дар луғат ба маънои «талаби пастӣ намудан» аст ва дар истилоҳи илми таҷвид, “забонро ба тарафи поёни даҳон моил карда, нарму мулоим талаффуз кардани ҳарф”-ро

мегӯянд.

Ҳарфҳои истифол 21-то мебошад:

ا (=ء) ب ت ث ج ح د ذ ر ز س ش

ع ف ک ل م ن و ه ی

**Қоида:** Дар талаффузи ин 21 ҳарф, забонро ба тарафи поёни даҳон моил карда, ҳарфҳо нарму мулоим хонда мешавад.

## 3. Сифати қалқала

«Қалқала» дар луғат ба маънои «ҷунбо-нидан» буда, дар истилоҳи илми таҷвид, «талаффузи ҳарф бо як хел ҷунбиши садо» мебошад.

Ҳарфҳои қалқала 5 тоанд:

ق، ط، ب، ج، د (قُطْبُ جَدْ)

**Қоида:** Ҳар вақт ин ҳарфҳо сокин шаванд, чи дар миёни калима ва чи дар охир (ҳангоми вақф), қалқала мешаванд, яъне дар талаффузи ин ҳарфҳо як хел ҷунбиш дар овоз пайдо мешавад.

**Нукта:** Бояд диққат шавад, ки қалқала ба ҳаракати пурраи фатҳа, касра ва замма табдил нашавад.

| | | | |
|---|---|---|---|
| طَارِقْ | نَـقْـتَبِسْ | اَقْـبَـلَ | ق |
| مُحِيْـطْ | يَـطْـمَعُ | اَطْـرَافْ | ط |
| يُـنِـيْـبْ | يَـبْـسُطُ | اِبْـرَاهِيمَ | ب |
| مَـرِيجْ | اَجْـدَاثْ | اَجْـرًا | ج |
| حَـمِيدْ | يَـدْرُسُونَ | اَدْبَـرَ | د |

## 4. Сифати лин

«Лин» дар луғат ба маънои «нармӣ» аст ва дар истилоҳи таҷвид «нарм талаффуз намудани ҳарф» мебошад.

Ҳуруфи лин «و» ва «ى» аст.

**Қоида:** Ҳар гоҳ «و» ва «ي» сокин шаванд ва ҳарфи пеш аз онҳо мафтӯҳ (забардор) «ـَوْ، ـَيْ» бошад, «و» ва «ي» ҳарфҳои лин гашта, бо нармӣ талаффуз мешаванд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| عَصَـوْا | لَـبَغَـوْا | قَـوْمُ | خَـوْفُ | و |
| اِبْنَـيْ | شَـيْءٌ | قُـرَيْشٍ | إِلَـيْكَ | ى |

## Пурсишҳо:

1. Маънои сифати ҳарф чист? Онро пурра бинависед.

2. «Истеъло» дар луғат ва дар истилоҳи таҷвид чист? Ва ҳарфҳои истеъло кадомҳо ҳастанд?

3. Барои ҳар ҳарфи истеъло як мисол бинависед.

4. «Истифол» дар луғат ва дар истилоҳи таҷвид чист? Ва ҳарфҳои истеъло кадомҳо ҳастанд?

5. Сураи «Лайл»-ро тиловат карда, сифатҳои истеъло ва истифолро бо диққат риоят кунед.

6. «Қалқала»-ро пурра маъно карда, барои ҳар ҳарфи он мисол бинависед.

7. Сураи «Балад»-ро бихонед ва қалқаларо риоят кунед.

8. «Лин»-ро пурра маъно карда, қоидаи онро бо мисол бинависед.

# Дарси 5

## Аҳкоми танвин ва нуни сокин-1

Қуръономӯзи азиз! Дар забони араб ба ғайр аз ҳуруф, аломатҳое ҳастанд, ки барои дуруст хондани оятҳои Қуръон, бояд ин аломатҳоро шиносем. Аз ҷумлаи аломатҳо «ҳаракат» аст.

Ҳаракатҳо се гуна мебошанд:

Фатҳа (забар) «ـــَـــ» (садои А).

Касра (зер) «ـــِـــ» (садои И).

Замма (пеш) «ـــُـــ» (садои У).

Аммо сукун «ـــْـــ» беҳаракат хондани ҳарф аст.[1]

Танвин бошад ҳангоми навиштан ду забар «ـً», ду зер «ـٍ» ва ду пеш «ـٌ» навишта шуда, лекин дар вакти хондан нуни сокин «نْ» талаффуз мешавад.

(اَمْراً ← اَمْرَنْ) – (رِزْقٍ ← رِزْقِـنْ) – (خَيْرٌ ← خَيْرُنْ)

---

1 Ба ҳарфе, ки аломати сукун болои он омадааст, сокин гӯнияд: مِـنْـهُـمْ

# Ҳукмҳои танвин ва нуни сокин

Танвин ва нуни сокин ба хотири ҳарфҳое, ки баъд аз онҳо меоянд, чор қоида доранд: 1. изҳор 2. идғом 3. иқлоб 4. ихфо.

## 1. Изҳор

Маънои луғавии калимаи "изҳор" ошкор кардан аст.

Ва он, дар истилоҳи илми таҷвид ду ҳарфро аз ҳам ҷудо ва равшан карда, бе овози димоғ хондан мебошад.

**Қоида:** Агар баъд аз «нун»-и сокин (نْ) ё «танвин» ( ـٌـًـٍ) яке аз шаш ҳуруфи ҳалқӣ ояд, нуни сокин ва танвинро изҳор карда хонда мешавад.

Ҳарфҳои ҳалқӣ шаштоанд: ء، ه، ع، ح، غ، خ

| *Мисолҳои танвин* | *Мисолҳои нуни сокин* | | *Ҳуруфи изҳор* |
|---|---|---|---|
| | *Дар ду калима* | *Дар як калима* | |
| كُـل أَمَنَ | مِـنْ أَمْرِهِمْ | يَـنْـأَ وْنَ | ء |
| فَرِيقــاً هَـدَي | إِنْ هُـوَ | مِـنْـهُـمْ | ه |
| سَمِيعٌ عِـلِيمٌ | مَنْ عَـمِلَ | اَنْـعَــمْتَ | ع |

| | | | |
|---|---|---|---|
| حَكِيم حَـمِيدٌ | فَمَـنْ حَـــجَّ | تَـنْـحِتُونَ | ح |
| قَوْلاً غَـيْرَ | مِـنْ غِــلٍّ | فَسَيُنْـغِضُوا | غ |
| حَكِيمٌ خَـبِيرٌ | مِـنْ خَـيْرٍ | اَلْمُـنْخَنِقَةُ | خ |

## 2. Идғом

Маънои луғавии калимаи «идғом» чизеро дар чизи дигар даровардан аст.

Ва он, дар истилоҳи илми таҷвид даровардани ҳарфи сокиндор дар ҳарфи ҳаракатдор аст.

Идғом ду қисм аст: идғоми бо ғунна ва идғоми бе ғунна.

Ғунна овозро аз димоғ баровардан аст.

**Қоидаи идғоми бо ғунна:** Агар баъд аз «нун»-и сокин (نْ) ё «танвин» ( ـًـٍـٌ ) яке аз чаҳор ҳуруфи идғоми бо ғунна ояд, нуни сокин ва танвинро ба он ҳарфҳо дохил карда, овозро аз димоғ бароварда хонда мешавад.

Ҳарфҳои идғоми бо ғунна: ى، م، ن، و

Идғоми бо ғуннаро миқдори ду ҳаракат кашида хонда мешавад.

| *Мисолҳои танвин* | *Мисолҳои нуни сокин* | *Ҳарфҳои идғоми бо ғунна* |
|---|---|---|
| آيَـةً يُـعْرِضُوا | مَـنْ يَـهْدِي | ى |
| قَرارٍ مَـكِينٍ | مِـنْ مَـالٍ | م |
| شَيءٍ نُـكُرٍ | إِنْ نَـحْنُ | ن |
| يَوْمَئِذٍ وَاجِفَـةٌ | مَـنْ وُجِدَ | و |

**Қоидаи идғоми бо ғунна:** Агар баъд аз «нун»-и сокин (نْ) ё «танвин» ( ـًـٍـٌ ) яке аз ду ҳарфи (ر) ва (ل) ояд, нуни сокин ва танвинро ба он ҳарфҳо дароварда, бе овози димоғ хонда мешавад.

| *Мисолҳои танвин* | *Мисолҳои нуни сокин* | *Ҳарфҳои идғоми бе ғунна* |
|---|---|---|
| مَـثَلاً رَجُلاً | مِـنْ رَّبِّـكُـمْ | ر |
| مَتاعاً لَـكُمْ | مِـنْ لَّـدُنْـكَ | ل |

**Нукта:** Дар чаҳор калимаи Қуръони карим нуни сокин бо ҳуруфи идғом дар як калима омадааст, ки ҳукми нуни сокин дар ин калимаҳо изҳор

мебошад:

| | | |
|---|---|---|
| ١ | الدُّنْـيـا | *Сураи Бақара: 85* |
| ٢ | صِـنْـوَان | *Сураи Раъд: 4* |
| ٣ | قِـنْـوَان | *Сураи Анъом: 99* |
| ٤ | بُـنْـيَـان | *Сураи Саф: 4* |

## Идғомҳои дигар

Идғомҳои дигар, ки ба ғайр аз «нун»-и сокин ё «танвин» бошад, се қисм аст: 1. идғоми мутамосилайн 2. идғоми мутақорибайн 3. идғоми мутаҷонисайн.

## 1. Идғоми мутамосилайн

**Қоида:** Агар ду ҳарфи якхела дар як ҷо ҷамъ шаванд ва ҳарфи аввал сокин ва дуюм ҳаракатдор бошад, ҳарфи аввалро ба дуюм дохил карда ва ҳарфи дуюм ташдиддор талаффуз мешавад.

| | |
|---|---|
| اِذْهَـبِّـكِتَـابِى | اِذْهَبْ بِّـكِتَابِى |
| يُـدْرِكـكُّمْ | يُـدْرِكْـكُّمْ |
| قُـلَّـهُـمْ | قُـلْ لَّـهُـمْ |

| | |
|---|---|
| مِــنَّــارْ | مِــنْ نَّــارْ |

## 2. Идғоми мутақорибайн

**Қоида:** Агар ду ҳарф дар махраҷ ва дар сифат якхела буда, дар як ҷо ҷамъ шаванд ва ҳарфи аввал сокин ва дуюм ҳаракатдор бошад, ҳарфи аввалро ба дуюм дохил карда, ҳарфи дуюм ташдиддор талаффуз мегардад. Ин қисми идғом дар ҳарфҳои «ل ва ر» «ق ва ك» мебошад.

| *Хонда мешавад* | *Навишта мешавад* |
|---|---|
| قُــرَّبِّ | قُــلْ رَّبِّ |
| نَـخْـلُـكّـُمْ | نَـخْلُـقْـكُّـمْ |

## ٣. Идғоми мутаҷонисайн

**Қоида:** Агар ду ҳарф дар махраҷ наздик буда, аммо дар сифат гуногун бошанд ва бо ҳам ҷамъ шаванд ва ҳарфи аввал сокин ва дуюм ҳаракатдор бошад, ҳарфи аввалро ба дуюм дохил карда, ҳарф дуюм ташдиддор талаффуз мегардад. Ин қисми идғом дар ҳарфҳои:

| | |
|---|---|
| «ت ва د» | أُجِيبَتْ دَّعْوَتُكُمَا – أُجِيبَدَّعْوَتُكُمَا<br>قَدْ تَّبَيَّنَ – قَتَّبَيَّنَ |
| «ت ва ط» | قَالَتْ طَّائِفَةَ – قَالَطَّائِفَةَ<br>بَسَطْتَّ – بَسَتَّ |
| «ذ ва ظ» | إِذْ ظَّلَمُوا – إِظَّلَمُوا |
| «ب ва م» | اِرْكَبْ مَّعَنَا – اِرْكَمَّعَنَا |
| «ث ва ذ» | يَلْهَثْ ذَّلِكَ – يَلْهَذَّلِكَ |

## Пурсишҳо:

1. Ҳаракат ва танвинро баён карда, бинависед, ки танвин дар вақти талаффуз чӣ хонда мешавад?
2. «Изҳор»-ро пурра маъно карда, ҳарфҳои онро бо зикри мисол бинависед.
3. «Идғом»-ро пурра маъно карда, қоидаи идғоми бо ғунна ва беғуннаро бо мисол баён кунед.
4. Агар нуни сокин бо яке аз ҳарфҳои идғом дар як калима биёяд, ҳукмаш чист?
5. Идғомҳое, ки ба ғайр аз нуни сокин ҳастанд кадомҳо мебошанд, онҳоро номбар кунед.

6. Қоидаҳои идғоми мутамосилайн, мутақорибайн ва мутаҷонисайнро бинависед.

7. Мисолҳои зер аз кадом қисмҳои идғом ҳастанд, таъйин кунед:

| | | |
|---|---|---|
| يَـنْـأَوْنَ | مِـنْ مَالٍ | آيَــةً يُـعْرِضُوا |
| مِنْ لَّدُنْكَ | فَمَـنْ حَجَّ | يَوْمَئِذٍ وَاجِفَـةٌ |
| قُـلْ رَّبِّ | يُدْرِكْـكُّمْ | مِـنْ نّـَارْ |
| اِرْكَبْ مَّعَنَا | بَـسَطْتَّ | حَكِيمٌ خَـبِيرٌ |
| مَثَلاً رَجُلاً | إِنْ نَحْنُ | قِـنْـوَان |

# Дарси 6

## Аҳкоми танвин ва нуни сокин-2

### 3. Иқлоб

Иқлоб дар луғат ба маънои «иваз кардан» ва «табдил намудан» аст ва дар истилоҳи илми таҷвид, «иваз кардани нуни сокин ё танвин ба мим».

**Қоида:** Агар баъд аз «нун»-и сокин (نْ) ё «танвин» ( ـًـٍـٌ) ҳарфи (ب) ояд, нуни сокин ва танвинро ба ҳарфи (م) иваз карда, бо риояти ғунна, овозро аз димоғ бароварда хонда мешавад.

| *Мисолҳои танвин* | *Мисолҳои нуни сокин* | |
|---|---|---|
| | *Дар ду калима* | *Дар як калима* |
| اَمَداً بَعِيداً | مَنْ بَعَثَـــنَا | مُـنْـبَـثّاً |
| اَمَدَمْ بَعِيداً | مَمْ بَعَثَنَا | مُـمْـبَـثّاً |

### 4. Ихфо

Ихфо дар луғат ба маънои «пинҳон кардан» аст

ва дар истилоҳи илми таҷвид, иборат аст аз “ҳолате байни изҳор ва идғом”.

**Қоида:** Агар баъд аз «нун»-и сокин (نْ) ё «танвин» (ـٌـٍـً) яке аз ҳуруфи ихфо ояд, нуни сокин ва танвинро пинҳон дошта, овозро аз димоғ бароварда, миқдори ду ҳаракат кашида хонда мешавад.

Вақте, ки нуни сокин ё танвин бо ҳарфҳои ихфо наздик шавад, нун аз махраҷи худ талаффуз намешавад, балки овози он аз димоғ пинҳон карда, ҳарфи ихфо талаффуз мешавад ва ин ҳолат на идғоми пурра аст ва на изҳор.

Ҳарфҳои ихфо:

**ت، ث، ج، د، ذ، ز، س، ش، ص، ض، ط، ظ، ف، ق، ک،**

**Нукта:** Ихфо се дараҷа дорад:

1. Ихфои касир: «нун»-и сокин ва «танвин» дар ҳарфҳои (ت)، (د) ва (ط) ба сабаби наздик будани махраҷашон бисёртар ихфо мешавад.

2. Ихфои қалил: «нун»-и сокин ва «танвин» дар ҳарфҳои (ق) ва (ك) ба сабаби дур будани махраҷашон камтар ихфо мешавад.

3. Ихфои васат: дар ҳарфҳои боқимонда, «нун»-и сокин ва «танвин» ба таври миёна ихфо мешавад.

| Мисолҳои танвин | Мисолҳои нуни сокин | | |
|---|---|---|---|
| | Дар ду калима | Дар як калима | |
| يَوماً تُـرْجَعُونَ | إِنْ تُـبْتُمْ | اَنْـتُـمْ | ت |
| خَيْرٌ ثَـوَابـاً | مِنْ ثَمَرَةٍ | مَـنْـثُوراً | ث |
| لِكُـلٍ جَعَلْـنا | إِنْ جَا ئَكُمْ | أَنْـجَـيـنَا | ج |
| كَأْسـاً دِهـَاقـاً | مِـنْ دُونِهِ | عِـنْـدَهُم | د |
| يَتِيمـاً ذَامَقْرَبَةٍ | مِنْ ذُرِّيَّةِ | أَنْـذِرْهُم | ذ |
| نَفْسـاً زَكِـيَّـةً | مَنْ زَكّـٰيها | أَنْـزَلَ | ز |
| قَـولاً سَـدِيداً | أَنْ سَيَكُونُ | إِنْـسانَ | س |
| غَفُـورٌ شَـكُورٌ | مِـنْ شَرِّ | أَنْـشَأْ نا | ش |
| قَـوْماً صَالِحِينَ | أَنْ صَدّوكُمْ | يَنْـصُـرُكُمْ | ص |
| قَـوْماً ضَـاٰلِّينَ | مِنْ ضَعْفٍ | مَـنْـضُودٍ | ض |
| صَعِيداً طَـيِّباً | مِـنْ طِينٍ | قِـنْـطا رٍ | ط |
| ظِلاًّ ظَـلِيلاً | مَـنْ ظَلَمَ | أُنْـظُـرْ | ظ |
| خَالِدًا فِـيهـاَ | مِنْ فَضْلٍ | أَنْفُسَهُمْ | ف |

| | | | |
|---|---|---|---|
| سَمِيعٌ قَرِيبٌ | مِنْ قَبْل | يَنْقَلِبُ | ق |
| قَوْلاً كَرِيماً | مَنْ كانَ | أَنْكالا | ک |

**Пурсишҳо:**

1. «Иқлоб»-ро маъно кунед ва 4 мисол зикр кунед.

2. «Ихфо» чист, пурра маъно карда, бо зикри мисол фаҳмонед.

3. Ихфо чанд дараҷа дорад?

4. Барои ихфо 10 мисол бинависед, ки 4-тои он дар як калима, 4-тои он дар ду калима ва 2-тои он мисоли танвин бошад.

5. Аз сураи «Тур» аз ояти 17 то охири ояти 28 тиловат карда, аҳкоми нуни сокинро риоят кунед.

# Дарси 7

## Дар баёни «мим»-и сокин

Мими сокин се қоида дорад: ихфои шафавӣ, идғоми шафавӣ ва изҳори шафавӣ.

Сабаби шафавӣ номидан он аст, ки ҳарфи мим аз шафатайн, яъне аз ду лаб хориҷ мешавад.

### 1. Ихфои шафавӣ

**Қоида:** Агар баъд аз «مْ»-и сокин ҳарфи (ب) ояд, ихфои шафавӣ мешавад. Дар ҳолати талаффузи «م» лабҳоро ба ҳам наздик карда, овоз аз димоғ бароварда хонда мешавад.

| | |
|---|---|
| فَمَنْ بَدَّلَهُ | مِنْ بَعْدِ |
| فَمَمْ بَدَّلَهُ | مِمْ بَعْدِ |

### 2. Идғоми шафавӣ

**Қоида:** Агар баъд аз «مْ»-и сокин ҳарфи «م» ояд, идғоми шафавӣ мешавад. Дар ин ҳолат мими аввалро дар мими дуюм дохил карда, овозро аз димоғ бароварда хонда мешавад.

| *Хонда мешавад* | *Навишта мешавад* |
|---|---|
| كَمِّنْ | كَمْ مِنْ |
| رَبِّهِمُّشْفِقُونَ | رَبِّهِمْ مُشْفِقُونَ |

## 3. Изҳори шафавӣ

**Қоида:** Агар баъд аз «مْ»-и сокин ғайр аз ҳарфи «م» ва «ب» ҳар гуна ҳарфе ояд, изҳори шафавӣ мешавад. Дар ин ҳолат «مْ» аз махраҷи худ бе овози димоғ хонда мешавад.

**Нукта:** Агар баъд аз «مْ»-и сокин ҳарфи «ف» ё «و» ояд, «مْ» ошкор ва равшан талаффуз меша-вад, зеро ин се ҳарф дар махраҷ ба ҳамдигар наздиканд ва аз лабҳо хориҷ мешаванд.

| | |
|---|---|
| أَمْوَاتاً | وَ هُمْ فَرِحُونَ |

| *Ҷадвали изҳори шафавӣ* | | | |
|---|---|---|---|
| *Мисолҳо* | *Ҳарфҳо* | *Мисолҳо* | *Ҳарфиҳо* |
| وَامْضُوا | ض | أَمْ أَمِنْتُمْ | ء |
| أَمْطَرْنَا | ط | يَمْتَرُونَ | ت |
| ذٰلِكُمْ ظَنُّكُمْ | ظ | دارِكُمْ ثَلَاثَةَ | ث |

| | | | |
|---|---|---|---|
| أُمْعَائَهُمْ | ع | لَهُمْ جَنَّاتٍ | ج |
| لَهُمْ غُرَفٌ | غ | أَمْ حَسِبْتُمْ | ح |
| هُمْ فَرِحُونَ | ف | أَمْ خَلَقُوا | خ |
| أَمْ قَوْمٌ | ق | اَلْحَمْدُ لله | د |
| إِنَّهُمْ كَانُوا | ك | تَرْهَقُهُمْ ذِلَّة | ذ |
| أُمْلِي | ل | أَمْراً | ر |
| هُمْ نَارٌ | ن | رَمْزاً | ز |
| يَمْهَدُونَ | ه | تُمْسُونَ | س |
| أَمْوَاتاً | و | يَمْشُونَ | ش |
| لَمْ يُصِرُّوا | ى | هُمْ صَلُّوا | ص |

## Пурсишҳо:

1. «Мим»-и сокин чанд қоида дарад? Ихфои шафавиро бо мисол баён кунед.

2. Агар баъд аз «مْ»-и сокин ғайр аз ҳарфи «م ва ب» ояд, ҳукми «مْ»-и сокин чист? Бо мисол бинависед.

3. Агар баъд аз «مْ»-и сокин ҳарфи «ف ё و» ояд, ҳукми «مْ»-и сокин чист?

4. Аз ояти 17 сураи «Тур» то охири ояти 28 тиловат карда, аҳкоми мими сокинро риоят кунед.

# Дарси 8

## Дар баёни мад-1

«Мад» дар луғат ба маънои «кашидан» ва «зиёд кардан» аст. Дар истилоҳи илми таҷ-вид, «ҳарфи мад дароз кашида хондан» аст.

Ҳарфҳои мад сетоанд: (ا), (و) ва (ى).

а) Агар пеш аз алиф (ا) фатҳа (забар) «ـَـا» ояд, (ا) кашида хонда мешавад.

б) Агар пеш аз (و)-и сокин замма (пеш) «ـُـوْ» ояд, (و) кашида хонда мешавад.

в) Агар пеш аз (ى)-и сокин касра (зер) «ـِـىْ» ояд, (ى) кашида хонда мешавад.

| *Мисолҳо* | *Ҳарфи мад* |
|---|---|
| قَـــالَ | ا |
| يَـقُـولُ | و |
| قِــيـلَ | ي |

## Ақсоми мад

Мад ду қисм аст: мадди аслӣ ва мадди фаръӣ.

**1. Мадди аслӣ** мадди табиӣ аст, ки дар он сабаби мад наомада бошад ва миқдори ин мад ду ҳаракат аст.

**Сабаби мад** ҳамза ва сукун (ء، ـْـ) аст.

**Нукта:** Ташдид (ـّـ) ҳам сабаби мад ба ҳисоб меояд, зеро дар даруни он як ҳарфи сокин ҳаст ва сукуни ин ҳарф сабаби мад аст.

**Қоида:** Агар баъди ҳарфи мад сабаби мад наояд, мадди табиӣ аст.

| *Мисолҳо* | *Ҳарфи мад* |
|---|---|
| قَـــالَ | ا |
| يَـقُـولُ | و |
| قِـــيلَ | ي |

**2. Мадди фаръӣ** мадди ғайри табиӣ аст, ки ҳар гоҳ баъд аз ҳуруфи мад «ҳамза» ё «сукун» сабаби мад бошад, бояд ҳуруфи мад аз ҳадди табиӣ дароз кашида хонда шавад.

Мадди фаръие, ки дар он «ҳамза» сабаби мад бошад, се хел аст.

## а) Мадди муттасил

**Қоида:** Агар ҳарфи мад ва ҳамза дар як калима бошанд, мадди муттасил мешавад.

Мадди муттасилро миқдори 4-5 ҳаракат кашида хондан воҷиб аст.

| *Мисолҳо* | *Ҳарфи мад* |
|---|---|
| تَشَـآءُ | ا |
| سُـوٓءُ | و |
| سِـيِّـئَـتْ | ي |

## б) Мадди мунфасил

**Қоида:** Агар ҳарфи мад ва ҳамза дар ду калима бошанд, мадди мунфасил аст, яъне ҳарфи мад дар охири калимаи аввал ва ҳамза дар аввали калимаи дуюм бошад.

Мадди мунфасилро миқдори 4-5 ҳаракат кашида хондан ҷоиз аст.

| | |
|---|---|
| إِنّـــا ٓ أَنْـــزَلْنَاهُ | ا |
| قَالُـــوا ٓ إِنّـــا | و |
| فِـــي ٓ ايَٰـاتِـــنَا | ي |

## в) Madди бадал.

**Коида:** Агар пеш аз ҳарфи мад, ҳамза ояд ва ҳар ду дар як калима бошанд, инро мадди бадал гӯянд.

Мадди бадалро миқдори 2 ҳаракат кашида хондан ҷоиз аст.

| | |
|---|---|
| ءَامَنُـــوا | ا |
| أُوتِـــيَ | و |
| إِيْـمانـــاً | ي |

Маддҳои фаръие, ки дар он «сокин» сабаби мад аст, се хел мебошад.

## а) Мадди лозим (пойдор).

Агар сабаби мад сукуни «лозим» (собит ва пойдор) бошад, лозим аст.

Сокини лозим сокинест, ки ҳам дар ҳолати вақф

ва ҳам дар ҳолати васл собит бошад.

Мадди лозим чаҳор кисм аст:

## 1.Мадди лозими вазнин дар калима

**Коида:** Агар баъд аз ҳарфи мад сокини лозими ташдиддор дар як калима ояд, мадди лозим дар калима пайдо мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| وَلاَالضَّآلِّينَ | الحآقَّة | الصَّآخّة |

## 2.Мадди лозими сабук дар калима

**Коида:** Агар дар як калима баъд аз ҳарфи мад, сокини лозими бе ташдид ояд, мадди лозими сабук дар калима ҳосил мешавад.

| | |
|---|---|
| آلآنَ وَ قَدْ | *Сураи Юнус: 51 ва 91* |

## 3.Мадди лозими вазнин дар ҳарф

Агар баъд аз ҳарфи мад, сокини лозим ҳамроҳ бо ҳарфи идғомшуда ояд, мадди лозими вазнин дар ҳарф ба вуҷуд меояд.

| | |
|---|---|
| الم | اَلِفْ لآمْ مِيمْ |
| طسم | طَا سِيْنْ مِيمْ |

## 4.Мадди лозими сабук дар ҳарф

Агар баъд аз ҳарфи мад, сокини лозими бе идғом ояд, мадди лозими сабук дар ҳарф ба вуҷуд меояд.

Мадди лозимро миқдори 6 ҳаракат кашида хондан воҷиб аст.

| | |
|---|---|
| صٓ | صـآدْ |
| قٓ | قـآفْ |
| كٓهيعٓصٓ | كـآفْ هَا يَا عَـيـنْ صـآدْ |
| نٓ | نُــوٓنْ |

## б) Мадди ориз (нопойдор).

**Қоида:** Агар баъд аз ҳарфи мад, сокини ориз (нопойдор) ояд, мадди ориз мешавад.

Сокини ориз сокинест, ки дар ҳолати вақф собит буда, дар ҳолати васл соқит мешавад.

Мадди ориз дар ҳолати вақф ба вуҷуд меояд.

Мадди оризро миқдори 2-4-6 ҳаракат каши-дан ҷоиз аст.

| | | |
|---|---|---|
| وَلاَالضَّـآلِّينَ | مُـفْـلِحُـونَ | الحِسـابُ |
| وَلاَالضَّـآلِّينَ | مُـفْـلِحُـونْ | الحِسـابْ |

## в) Мадди лин (нарм)

Ҳуруфи лин «و» ва «ي» аст.

Ҳар гоҳ «و» ва «ي» сокин шаванд ва ҳарфи пеш аз онҳо мафтӯҳ (забардор) «ـَـ» бошад, «و» ва «ي» ҳарфҳои лин мешаванд.

**Қоида:** Агар баъд аз ҳарфи лин, сокини оризӣ ояд, мадди лин мешавад.

Мадди линро миқдори 2-4-6 ҳаракат кашидан ҷоиз аст.

| | | | |
|---|---|---|---|
| قُرَيْشٍ | إِلَيْكَ | قَوْمٌ | خَوْفٌ |
| قُرَيْٓشْ | إِلَيْٓكْ | قَوْٓمْ | خَوْٓفْ |

**Пурсишҳо:**

1. Мадро аз назари луғат ва истилоҳи таҷвид пурра маъно кунед.
2. Қисмҳои мадро бинависед ва сабабҳои мадро баён намоед.
3. Агар «ҳамза» сабаби мад бошад, мад чанд қисм мешавад, қоидаҳои онро бо мисол бинависед.
4. Мадди лозимро баён карда, қисмҳои онро бо мисол шарҳ диҳед.
5. Мисолҳои зер аз кадом қисми мад ба ҳисоб

меоянд?

| | | |
|---|---|---|
| تَـشـآءُ | قَـالُـواآ إِنـّـا | أُوتِـيَ |
| قٓ | إِنّآ أَنْزَلْناهُ | آلآنَ وَقَـدْ |
| وَلاَالضَّـآلِّينَ | طٰـٓسٓمٓ سِيْنْ مِيمْ | مُفْلِحُونَ |
| حمٓ | إِلَـيْـكَ | خَـوْفٌ |

# Дарси 9

## Дар баёни мад-2

### Мадҳои дигар

Дар дарси гузашта бо мавзӯи мад ва қисмҳои он ошно шудем. Аммо дар ин дарс бо қисмҳои дигаре аз мад ошно мешавем.

Се намуд мадҳои дигаре ҳастанд, ки сабабҳояшон гуногун аст:

### а) Мадди фарқ

Мадди фарқ барои ҷудо кардани ҷумлаи саволӣ аз ҷумлаи хабарӣ мебошад ва ба миқдори 6 ҳаракат кашида хондан воҷиб аст.

| | |
|---|---|
| ءَآللّٰهُ خَيْرٌ أَمَّا يُشْرِكُونَ | قُلْ ءَآلذَّكَرَيْنِ |

### б) Мадди иваз

Иваз кардани танвин ба «алиф»-и мад, дар охири калима, дар ҳолати вақфро мадди иваз гӯянд.

Мадди ивазро миқдори 2 ҳаракат кашида хондан ҷоиз аст.

| | | | |
|---|---|---|---|
| خَبِيرًا | رَفِيقًا | ثَوابًا | كَرِيمًا |
| خَبِيرا | رَفِيقا | ثَوابا | كَرِيما |

## в) Мадди сила

Мадди сила маддеро гӯянд, ки «ه»-и замири ғоиби шакли танҳо, пеш аз ҳарфи «ҳамза» ва ё байни ду ҳарфи ҳаракатдор қарор гирад.

Агар «ه»-и замир бо ҳаракати замма (пеш) «ـُ» ояд, «و»-и маддӣ ҳосил мешавад:

| |
|---|
| لَهُو |

Агар «ه»-и замир бо ҳаракати касра (зер) «ـِ» ояд, «ي»-и маддӣ ба вуҷуд меояд:

| |
|---|
| بِهِے |

Мадди сила ду қисм аст:

## 1. Мадди силаи кубро

**Қоида:** Агар баъд аз «ه»-и замир «ҳамза» ояд, мадди силаи кубро мешавад ва ба миқдори 4-5 ҳаракат кашида хондан ҷоиз аст:

| | |
|---|---|
| وَمِنْ آيَاتِـهِـۦٓ أَنْ خَلَقَكُمْ | لَـهُ وٓ أَجْرٌ عَظِـيمٌ |

## 2. Мадди силаи суғро

**Қоида:** Агар баъд аз «ه»-и замир, ғайр аз «ҳамза» ҳар ҳарфи дигаре ояд, мадди силаи суғро мешавад. Дар ин ҳолат «ه»-и замир чаҳор ҳолат дорад:

**Ҳолати аввал:** «ه»-и замир дар байни ду ҳарфи ҳаракатдор аст, ки дар ин ҳолат «ه» ба миқдори 2 ҳаракат кашида хонда мешавад:

| | |
|---|---|
| إِنَّ هَـٰـذِهِۦ تَـذْكِرَةٌ | إِنَّـهُۥ هُـوَ |

Аз ин қоида чанд оят истисно буда, ҳарфи «ه» ё сокин ва ё бе мад хонда мешавад.

| | |
|---|---|
| *«ه» сокин* | قَالُوا أَرْجِـهْ وَ أَخَاهُ |
| *«ه» сокин* | فَـأَلْـقِـهْ إِلَيْهِـمْ |
| *«ه» бе мад* | وَ إِنْ تَشْكُرُوا يَرْضَـهُ لَكُمْ |

**Ҳолати дуюм:** «ه»-и замир дар байни ду ҳарфи сокиндор аст, ки дар ин ҳолат «ه» бе мад хонда мешавад.

| |
|---|
| تَذْرُوْهُ الرِّيَاحَ |
| إِلَيْهِ الْمَصِيرِ |
| وَ آتَاهُ اللّٰهُ |

**Ҳолати сеюм:** «ه»-и замир баъди ҳарфи ҳаракатдор ва пеш аз ҳарфи сокиндор аст, ки дар ин ҳолат «ه»-и замир бе мад хонда мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| وَ لَهُ الْجَوَارِ | اِسْمُهُ الْمَسِيحُ | لَهُ الْمُلْكُ |

**Ҳолати чорум:** «ه»-и замир баъди ҳарфи сокиндор ва пеш аз ҳарфи ҳаракатдор аст, ки дар ин ҳолат «ه»-и замир бе мад хонда мешавад.

| | |
|---|---|
| خُذُوْهُ فَغُلُّوهُ | فِيْهِ هُدًي |

* Ояти 69 сураи Фурқон аз ин қоида истисно буда, ҳарфи «ه» ба миқдори 2 ҳаракат кашида хонда мешавад:

| | |
|---|---|
| وَ يَخْلُدْ فِيهِۦ مُهَانًا | ***Фурқон: 69*** |

## Баёни «ن» ва «م»-и ташдиддор

**Қоида:** Ҳарфҳои «нун» (ن) ва «мим» (م)-и ташдиддорро бо овози димоғ, ба миқдори 2 ҳаракат

кашида хондан воҷиб аст.

| Мисолҳои нуни ташдиддор | |
|---|---|
| *Дар ду калима* | *Дар як калима* |
| إِنْ نَّظُنُّ | اَلْجَنَّةُ – النَّارُ – النَّاسُ |
| إِنْ نَّحْنُ | مَنَّاعٍ – يُمَنِّيهِمْ |
| **Мисолҳои мими ташдиддор** | |
| *Дар ду калима* | *Дар як калима* |
| كَم مِّن فِئَةٍ | أُمَّا – ثُمَّ – الْمُزَّمِّلُ |
| مِنْكُم مَّرِيضاً | مُحَمَّدٌ – أُمَّتُكُمْ |

## Пурсишҳо:

1. Мадди фарқ ва мадди ивазро пурра баён кунед.
2. Мадди силаро бо зикри мисол баён кунед, мадди сила чанд қисм аст?
3. Ҳолатҳои мадди силаи суғроро бо зикри қоида ва мисол бинависед.
4. Ҳукми «нун» ва «мим»-и ташдиддорро бо мисол бинависед.
5. Сураи «Намл»-ро аз ояти 82 то охири ояти 88 бихонед ва қисмҳои мадро риоят кунед.

# Дарси 10

## Дар баёни «лом»-и лафзи «Аллоҳ»

«*Лом*» (ل)-и *лафзи* ҷалолаи «Аллоҳ» ду қоида дорад:

1. Тафхим (*бо пуррагии даҳон ғализ хондан*)
2. Тарқиқ (*борик ва нарму мулоим хондан*)

**Қоида:** Агар пеш аз «ل»-и *лафзи* ҷалола фатҳа (забар) ё замма (пеш) ояд, ҳарфи «ل» ғалифз хонда мешавад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| فَرَضَ اللهُ | اِنَّ اللهَ | هُـوَ اللهُ | اَللهُ |
| عَلَّمَهُ اللهُ | رَسُولُ اللهِ | نَصْرُ اللهِ | يَدُ اللهِ |

Агар пеш аз «ل»-и *лафзи* ҷалола касра (зер) ояд, ҳарфи «ل» борик хонда мешавад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| قُـلِ اللهُ | اَمْرِ اللهِ | فِي اللهِ | بِسْمِ اللهِ |

**Нукта:** Ҳарфи «ل» дар калимаҳои дигар, ба ғайр аз *лафзи* ҷалолаи «Аллоҳ», борик хонда мешавад:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| صَلُّوا | اَظْلَمَ | صَلْصَالٍ | ظَلَمُوا | خَلَقَ |

## Пурсишҳо:

1. Маънои тафхим ва тарқиқ чист?

2. «ل»-и лафзи ҷалола дар кадом ҳолат тафхим ва дар кадом ҳолат тарқиқ хонда мешавад? Бо мисол баён кунед.

3. Қоидаи тафхими «ل» дар ғайри калимаи муборакаи «Аллоҳ» ҷорӣ аст?

4. Сураи «Зумар»-ро аз ояти 35 то охири ояти 38 тиловат карда, тафхим ва тарқиқи «ل»-ро риоят кунед.

# Дарси 11

## Дар баёни аҳкоми “ро”

Ҳарфи «ر» ду қоида дорад:

**а)** Тафхим (*ғализ хондан*)

**б)** Тарқиқ (*борик хондан*)

**Ҳарфи «ر» дар 5 ҳолат тафхим мешавад:**

1. Агар ҳарфи «ر» ҳаракати фатҳа ё замма дошта бошад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| فِرَارًا | شَرَابٌ | نُرَدُّ | رَحِمَ | رَبِّ |
| هَارُونَ | الرُّوحُ | حُرُمَاتِ | رُزِقَ | تَذَرُ |

2. Агар пеш аз «ر»-и сокиндор ҳаракати фатҳа (ـَرْ) ё замма (ـُرْ) ояд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| يَرْضَى | قَرْيَةَ | مَرْيَمَ | قَمَرْ | اَرْسَلَ |
| يُرْزَقُونَ | فَاهْجُرْ | دُسُرْ | قُرْآنًا | اُرْسَلَ |

3. Агар пеш аз «ر»-и сокиндор, сокин (ـْرْ) омада ва пеш аз ҳар ду сокин, ҳаракати фатҳа (ـَـْرْ) ё замма (ـُـْرْ)

оянд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| اَلاَبْرَارْ | نَا رْ | وَالْعَصْرْ | فَجْرْ | الاَمْرْ |
| شَكُورْ | نُو رْ | لَفِي خُسْرْ | اَلْيُسْرْ | اَلْعُسْرْ |

4. Агар пеш аз «رْ»-и сокиндор ҳамзаи васл ояд, гар чӣ ҳаракати пеш аз «رْ» касра бошад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| اَمِ ارْتَابُوا | اِرْجِعُوا | اِرْتَضي | اِنِ ارْتَبْتُمْ | رَبِّ ارْحَمْ |

5. Агар пеш аз «رْ»-и сокиндор ҳаракати касра (ـِرْ) бошад ва баъд аз «رْ» яке аз ҳуруфи истеъло ояд.

Ҳарфҳои истеъло 7 то аст:

خ، ص، ض، غ، ط، ق، ظ

| | | | |
|---|---|---|---|
| اِرْصَادًا | فِرْقَة | قِرْطَاس | مِرْصَادْ |

## Ҳарфи «ر» дар 4 ҳолат тарқиқ мешавад:

1. Агар ҳарфи «ر» ҳаракати касра « дошта бошад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| قَرِيبًا | اَخْرِجْنَا | لاَ تُدْرِكُهُ | اَرِنَا | رِزْقًا |

2. Агар пеш аз «رْ»-и сокиндор ҳаракати касра (ـِرْ) ояд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| مُسْتَمِرْ | يُجِرْكُمْ | يَغْفِرْ لَكُمْ | فِرْعَونْ | مِرْيَةٍ |

3. Агар пеш аз «رْ»-и сокиндор ҳарфи лин (ـَيْرْ) ояд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| لاَ ضَيْـرْ | اَلطَّيْـرْ | اَلسَّيْـرْ | غَيْـرْ | بِالْخَيْـرْ |

4. Агар пеш аз «ر»-и сокиндор, сокин (ـْرْ) омада ва пеш аз ҳар ду сокин, ҳаракати касра (ـِـرْ) ояд.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| بَصِيـرْ | خَبِيـرْ | سِدْرْ | حِجْـرْ | ذِكْـرْ |

## Пурсишҳо:

1. Ҳолатҳои тафхими «ر»-ро бо мисол бинависед.
2. Ҳалатҳои тарқиқи «ر»-ро бо мисол бинависед.
3. Сураи «Анбиё»-ро аз ояти 24 то охири 28 бихонед ва ҳолатҳои тафхим ва тарқиқи «ر»-ро бо диққат риоят кунед.
4. Ҳукми «ر» дар калимаҳои зер чист? Тафхим ё тарқиқ?

| | | | |
|---|---|---|---|
| بِشَــرَرٍ | اَلْفَجْرْ | اَبْصِرْهُمْ | آخَرِينَ |
| رَبِّ ارْحَمْهُما | يَسِيرْ | مِرْصاداً | وَاذْكُرْ رَبَّكَ |
| فَاصْبِرْ صَبْراً | اَنْصارْ | اَلاِرْبَةَ | نَصْرُ اللهِ |

# Дарси 12

## Дар баёни вақф

«Вақф» дар луғат ба маънои «истодан» буда, дар истилоҳи илми таҷвид «дар вақти қироат овозро қатъ карда, нафас гирифтан» аст.

## Қисмҳои вақф

Вақф гоҳе аз ҷиҳати ҳаракат ва сукуни охири калимаҳо дар назар гирифта мешавад, ки он ду навъ аст: вақфи ибдол ва вақфи искон.

Ва гоҳе вақф аз ҷиҳати лафз ва маънои оят дар назар гирифта мешавад, ки қисмҳои дигаре дорад.

Аммо қисмҳои вақф за ҷиҳати ҳаракат ва сукун иборат аст аз:

### 1. Вақфи ибдол

«Ибдол» дар луғат ба маънои «табдил намудан» аст ва дар истилоҳи таҷвид, «дар ҳангоми вақф, ҳарферо ба ҳарфи дигар табдил намудан» мебошад.

Вақфи ибдол ду навъ аст:

а) Ҳарфи «то» (ة) дар ҳолати вақф ба ҳарфи «ҳо» (ه)-и сокин табдил мешавад:

(رَحْمَةً ← رَحْمَهْ) – (نِعْمَةً ← نِعْمَهْ) –

(حَيٰوةً ← حَيٰوهْ)

б) Калимаҳое, ки бо танвини ду забар ( ـً ) поён меёбанд, дар вақти вақф ба «алифи мад» ( ا ) табдил мешаванд:

(حِسَابًا ← حِسَابَا) – (طُوىً ← طُوىٰ) –

(هُدىً ← هُدىٰ)

## 2. Вақфи искон

«Искон» ба маънои «сокин намудан» буда, дар истилоҳи таҷвид «ҳаракати ҳарфи охири калимаро (ба ғайр аз ҳолатҳои ибдол), дар вақти вақф сокин намудан» мебошад.

(مَقاعِدَ ← مَقاعِدْ) – (كُتُبِ ← كُتُبْ) – (يَوْمُ ← يَوْمْ) – (هُوَ ← هُو) – (هِيَ ← هِي) –

(يَرْتَدَّ ← يَرْتَدّْ) – (بَصِيرٌ ← بَصِيرْ)

**Нукта:** Калимаҳое, ки ҳаракати ҳарфи охирашон сокин аст ё бо ҳарфҳои мад поён ёфтаанд, дар вақти вақф ба ҳамон ҳолат боқӣ

мемонанд.

لاَ تذَرْ – سُطِحَتْ – كُوِّرَتْ – اَنْزَلْنَا – رَبِّي – قـاٰمُوا

Аммо вақф аз ҷиҳати лафз ва маъно ин аст, ки гоҳе лафз ва маънои ҷумла ва иборате, ки дар он вақф пеш меояд, аз лафз ва маънои иборати баъд аз худ ҷудо аст ё ҷудо нест. Аз ҳамин ҷиҳат ин гуна вақф 4 қисм дорад:

## 1. Вақфи том

Вақф дар поёни оятҳое, ки аз назари лафз ва маъно бо ояти баъд аз худ ҷудо бошанд, вақфи том аст.

Масалан, вақф дар калимаи «الـدِّين» дар ояти шарифаи «مالِكِ يَوْمِ الدِّين» (Фотиҳа: 4), вақфи том аст, зеро калимаи «الـدِّين» ҳам аз назари лафз ва ҳам аз ҷиҳати маъно бо ояти баъд аз худ ҷудо мебошад.

## 2. Вақфи кофӣ

Вақф дар поёни оятҳое, ки аз назари лафз бо ояти баъд аз худ ҷудо буда, аммо аз назари маъно робита дошта бошад.

Масалан, вақф дар калимаи «قانِتُون» дар ояти шарифаи «كُلٌّ لَهُ قانِتُون» вақфи кофӣ аст, зеро ин калима

бо ояти баъд аз худ аз ҷиҳати лафз ҷудо буд, аммо аз назари маъно робита дорад: «بَدِيعُ السَّمَاوَاتِ» (Бақара: 115 ва 116).

## 3. Вақфи ҳасан

Вақф дар оятҳо ё ҷумлаҳое, ки аз назари лафз ва маъно комил ҳастанд, аммо бо вуҷуди комил буданашон, боз дар лафзу маъно бо оят ё ҷумлаи баъд аз худ робита доранд.

Масалан, вақф дар лафзи ҷалолаи «الله» дар ояти шарифаи «اَلْحَمْدُ لِلَّهِ» вақфи ҳасан мебошад, зеро бо ҷумлаи баъд «رَبِّ الْعَالَمِينَ» (Фотиҳа: 2) ҳам робитаи лафзӣ ва ҳам робитаи маъноӣ дорад.

## 4. Вақфи қабеҳ

Вақф дар ҷое, ки ҷумла аз назари лафзу маъно комил набуда, балки бо ҷумлаи баъд аз худ робитаи лафзӣ ва маъноӣ дорад.

- Масалан, вақф кардан дар мубтадо «اَلْحَمْدُ» ва оғоз кардан бо хабар «لِلَّهِ».

- Вақф дар музоф «رَبِّ» ва оғоз кардан бо музофун илайҳ «الْعَالَمِينَ».

- Вақф дар феъл «فَمَا رَبِحَتْ» ва оғоз кардан бо фоил «تِجَارَتُهُمْ» (Бақара: 16).

## Аломатҳои вақф

(م) – Вақфи лозим. Дар ҳолати васл мумкин аст

маънои ҷумла тағйир кунад.

(ط) – Вақфи мутлақ. Таъкид мешавад вақф кунед, зеро мавзӯи ҷумла комил аст.

(ج) – Вақфи ҷоиз. Метавонед вақф кунед ва метавонед васл намоед.

(ز) – Вақфи муҷавваз. Гарчанд ки вақф ҷоиз аст, вале васл кардан беҳтар мебошад.

(ص) – Вақфи мураххас. Ба хотири дароз будани ҷумла ва камбуди нафас, рухсат дода мешавад вақф кунед ва сипас аз калимаи баъд оғоз намоед.

(لا) – Вақфи манъ! Набояд вақф кунед, агар ба ҷиҳати зарурат вақф кардед, ҳатман баргардед каме аз ҷумла ва иборати пеш оғоз карда васл намоед.

(قلى) – Вақф беҳтар аз васл аст.

(صلى) – Васл беҳтар аз вақф аст.

(∴ ∴) – Вақфи муонақа. Дар яке аз ин ду аломат вақф кардан ҷоиз аст.

## Пурсишҳо:

1. Вақфро пурра маъно карда, қисмҳои вақфи ибдолро бо мисол бинависед.
2. Вақфи исконро бо зикри мисол бинависед.
3. Сураи «Балад»-ро хонда, ҳолатҳои вақфро мушаххас кунед.
4. Вақф аз ҷиҳати лафз ва маъно чанд қисм аст? Ном бурда, 2-тои онро бо мисол шарҳ диҳед.
5. Фарқи аломатҳои вақфи (م) ва (ط) чист?

6. Фарқи аломатҳои вақфи (قلي) ва (صلي) чист?

7. Оятҳои 57 то 63 сураи Анкабутро тиловат карда, аломатҳои вақфро мушаххас кунед.

# Дарси 13

## Дар баёни ҳамзаи васл

Дар забони арабӣ хондани калимаҳое, ки бо сукун ё ташдид оғоз мешаванд, имкон надорад. Калимаҳои зерро дар ин ҳолат хондан мумкин нест:

شْــتَــرٰي – تَّخَذُوا – نْــصُرْنِــي

Бинобарин, барои имкони талаффузи ин гуна калимаҳо аз «ҳамзаи васл» «ٱ» истифода мешавад.

Ҳамзаи васл як навъ алиф аст, ки ҷиҳати оғоз кардани чунин калимаҳо истифода мешавад, аммо дар миёни калима хонда намешавад.

Аломати ҳамзаи васл дар бисёре аз Қуръонҳо (صـ) майда аст, ки бар болои алиф гузошта шудааст.

(إِنَّ اللهَ ٱشْتَـرٰي ← ٱِشْتَـرٰي) – (الَّذِينَ ٱتَّخَذُوا ← ٱِتَّخَذُوا) (رَبِّ ٱنْصُرْنِي ← ٱُنْصُرْنِي)

Дар Қуръон барои ҳамзаи васл аломати

ҳаракати фатҳа, касра ва замма намегузо-ранд ва худи қории Қуръон бояд қонуни ҳаракати ҳамзаи васлро бидонад.

## Роҳи шинохти ҳамзаи васл

Калимаҳои арабӣ се қисм ҳастанд: Ҳарф, исм ва феъл).

Ҳамзаи васл дар оғози ҳар се қисмҳои калимаҳои араб меояд.

### 1. Ҳарф

Дар Қуръон танҳо калимае, ки «ҳарф» ҳисоб шуда, ҳамзаи васл мегирад, «ҳарфи таъриф» (ال) мебошад. Яъне «алиф» дар (ال) ҳамзаи васл аст.

Ҳаракати ҳамза бар сари ҳарфи таъриф, дар ҳангоми оғоз кардан бо он, фатҳа аст:

(عَاقِبَةُ ٱلـدَّارِ ← اَلـدَّارِ) – (تُدْرِكُ ٱلـْقَمَرَ ← اَلـْقَمَرَ)

### 2. Исм

Ҳаракати ҳамзаи васл бар сари исмҳо дар ҳолати оғоз намудан бо исм, касра аст.

Ҳамзаи васл дар Қуръони карим бар сари исмҳои зер омадааст:

ٱِبْنَ – ٱِبْنَتَ – ٱِمْرَءَ – ٱِمْرَاَتَ – ٱِسْمَ – ٱِثْنَــيْ

(ٱِثْــنَــا) – ٱِثْـنَــتَــيْ (ٱِثْـنَــتَــا) - ٱِثْـنَــيْنِ

(ٱِثْـنَــانِ)- ٱِثْـنَــتَـيْنِ

مَسِيحُ ٱبْنُ مَرْيَمَ – مَرْيَمَ ٱبْنَتَ عِمْرانَ – اَبُوكِ ٱمْرَءَ –

وَ ٱذْكُرِسْمَ رَبِّكَ

### 3. Феъл

Ҳаракати ҳамзаи васл дар феълҳо дар ҳолати оғоз кардан бо феъл, ду навъ аст: 1. касра 2. замма:

**а) Касра:** Агар пас аз ҳамзаи васл, аввалин ҳарфи ҳаракатдор ҳаракати фатҳа ё касра бошад, ҳамзаи васл касра мегирад.

Масалан, дар калимаи «ٱقْتَدَتْ» баъд аз ҳамзаи васл ҳарфи «تَ» аввалин ҳарфи ҳаракатдор аст ва ҳаракати он фатҳа аст, пас ҳаркати ҳамзаи васл касра мешавад «اِقْتَدَتْ». Ё дар калимаи «ٱغْفِرْلَنَا» баъд аз ҳамзаи васл ҳарфи «فِ» аввалин ҳарфи ҳаракатдор аст ва ҳаракати он касра аст, пас ҳаракати ҳамзаи васл касра мешавад «اِغْفِرْلَنَا».

– (فَقَدِ ٱهْـتَـدَوْا ← اِهْتَـدَوْا) – (قَـالَ ٱتَّـقُوا ← اِتَّـقُوا) –

(عَلَيْهَا ٱفْـتِرَاءً ← اِفْتِرَاءً)

**б) Замма:** Агар пас аз ҳамзаи васл, аввалин

ҳарфи ҳаракатдор ҳаракати замма (пеш) бошад, ҳамзаи васл низ замма мегирад.

Масалан, дар калимаи «ٱنْصُرْنِى» баъд аз ҳамзаи васл ҳарфи «ص» аввалин ҳарфи ҳаракатдор аст ва ҳаракати он замма аст, пас ҳаракати ҳамзаи васл низ замма мешавад «اُنْصُرْنِى».

(اَلَّذِينَ ٱسْتُضْعِفُوا ← اُسْتُضْعِفُوا) –

(لَقَدِ ٱسْتُهْزِئَ ← اُسْتُهْزِئَ)

## Нуктаҳо:

1. Ҳаракати ҳамзаи васл бар сари феълҳо, дар вақти оғоз кардан бо феъл, ҳеҷ гоҳ фатҳа намебошад. Дар шаш феълҳои зер, дар вақти оғоз кардан бо ин феълҳо, ҳамза касра мегирад:

ٱقْضُوا – ٱبْنُوا – ٱمْضُوا – ٱئْتُوا – ٱهْدُوا

2. Ҳамзаи сокин дар калимаҳои зер, агар дар давоми оят хонда шавад, «ҳамза» талаффуз мегардад, аммо дар ҳолати аз нав оғоз кардан бо ин калимаҳо, ҳамза ба сурати «ё»-и мад хонда мешавад:

(ٱئْتِ ← اِيتِ) – ٱئْتِنَا – ٱئْتِيَا – ٱئْتُوا –

ٱئْتُونِي – ٱئْذَنْ

3. Ҳамзаи сокин дар калимаи «اُؤْتُمِنَ», дар ҳолати

оғоз кардан ба он, «вов»-и мад «أُوتُمِنَ» хонда мешавад.

## Сакт дар Қуръон

«Сакт» дар луғат ба маънои «истодан ва бозмондан» аст ва дар истилоҳи таҷвид, «дар вақти қироати Қуръон овозро миқдори ду ҳаракат қатъ карда, нафас ногирифта қироатро давом додан» мебошад.

Сакт дар 4 ояти Қуръони маҷид омадааст:

| | | |
|---|---|---|
| ١ | عِوَجًا ۜ قَيِّمًا | *Сураи Каҳф: 1* |
| ٢ | مِنْ مَرْقَدِنَا ۜ هَٰذَا | *Сураи Ёсин: 52* |
| ٣ | وَ قِيلَ مَنْ ۜ رَاقٍ | *Сураи Қиёмат: 27* |
| ۴ | كَلَّا بَلْ ۜ رَانَ | *Мутаффифин: 14* |

**Нукта:** «عِوَجًا» дар ҳолати сакт «عِوَجَا» хонда мешавад.

## Пурсишҳо:

1. Дар Қуръон танҳо ҳарфе, ки ҳамзаи васл мегирад кадом аст ва дар ҳолати оғоз кардан бо он ҳаракаташ чист? Бо мисол баён кунед.

2. Исмҳоеро, ки дар Қуръон бо ҳамзаи васл омадаанд, ном бурда, ҳаракати онро мушаххас

кунед.

3. Ҳаракати ҳамзаи васл дар феълҳо дар ҳолати оғоз кардан бо феъл чанд хел ҳастанд? Бо мисол баён кунед.

4. Дар калимаҳои зер ҳаракати ҳамзаи васл дар ҳолати оғоз кардан бо ин калимаҳо чист?

| | | |
|---|---|---|
| ٱبْنَكَ | ٱئْتُو | ٱذْكُرْنِي |
| ٱبْنُوا | ٱلآخِرَةَ | ٱسْتُجِيبَ |
| ٱئْتُونِي | ٱصْلَوْهَا | ٱتَّبِعُوا |

# Дарси 14

## Дар баёни тартили Қуръон

## Равишҳои сегонаи қироат

Қуръони карим таъкид менамояд, ки ин каломи илоҳӣ бо «тартил» хонда шавад:

وَ رَتِّلِ الْقُرْءَانَ تَرْتِيلاً

*Ва Қуръонро бо тартил (бо диққат) бихон.*[2]

«Тартил» яъне:

**Тиловати ҳарфҳо ва калимаҳои Қуръон ба таври саҳеҳ, бо матонат, бо тадаббур ва диққат доштан ба маънои оятҳо аст.**

Аммо тартили Қуръон аз назари тез хондан ва суст хондан ба се равиш аст: 1.равиши таҳқиқ 2.равиши тадвир 3.равиши таҳдир.

**1. Равиши таҳқиқ:** яъне суст хондани Қуръон бо диққати бисёр бар талаффузи ҳарфҳо ва калимаҳо.

---

2 Сураи Муззаммил: 4

Аз ин равиш барои омӯхтани қироат истифода кардан беҳтар аст, ҳар чанд дар муддати зиёд, оятҳои камтар хонда мешавад. Вале дар ин равиш барои дуруст талаффуз кардани ҳарфҳо аз махраҷҳо,риояти қоидаҳои таҷвид ва диққат додан ба маънои оятҳо имконияти бештар ҳаст.

**2. Равиши таҳдир (ҳадр):** яъне тез хон-дани Қуръон.

Аз ин равиш барои дар муддати кӯтоҳ бештар Қуръон хондан истифода мешавад, то савоби бештар ҳосил гардад. Аммо ин равиш барои навёдгирон равиши муносиб нест.

Албатта равшан аст, ки ҳар чи қироати Қуръон тезтар шавад, имкони талаффузи саҳеҳи ҳарфҳо аз махраҷҳо, риояти қоидаҳои таҷвид ва диққат намудан ба маънои оятҳо камтар мешавад.

Бинобарин, қории Қуръон бояд диққат дошта бошад, то тез хондан ба ҳадде нарасад, ки аз доираи «тартил» берун равад.

**3. Равиши тадвир:** яъне мӯътадил хондани Қуръон. Ба маънои начандон тез ва ё суст хондани Қуръон.

Тадвир ҳамон равишест, ки дар байни қориёни Қуръон ва омма ба беҳтарин равиши тартил машҳур аст.

**Пурсишҳо:**

1. Тартили Қуръон ба чи маъно аст?

2. Равишҳои сегонаи қироатро навишта, беҳтарин равишро интихоб кунед.

*Ва охиру даъвоно анил-ҳамду*
*лиллоҳи раббил-оламин!*
*Муваффақ бошед!*

# Мундарича

Муқаддима........................................................3
Оғози тиловат....................................................9
Дар баёни ҳуруф ..............................................11
Дар баёни ҳарфҳои шамсӣ ва қамарӣ..........17
Дар баёни сифатҳои ҳуруф .............................19
Аҳкоми танвин ва нуни сокин-1....................24
Аҳкоми танвин ва нуни сокин-2....................32
Дар баёни «мим»-и сокин...............................36
Дар баёни мад-1...............................................39
Дар баёни мад-2...............................................47
Дар баёни «лом»-и лафзи «Аллоҳ»...............52
Дар баёни аҳкоми “ро”...................................54
Дар баёни вақф................................................57
Дар баёни ҳамзаи васл....................................63
Дар баёни тартили Қуръон ............................69